**Тақриз**
**ба фишурдаи диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода**
**дар мавзуи «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода дар мавзуи «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» аз муқаддима, се боб бо фаслу зерфаслҳояш ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Мубрамии мавзуъ дар он ифода меёбад, ки омӯзиши топонимикаи муосири тоҷик як равияи нав дар забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Сарфи назар аз дастовардҳои зиёди илмӣ масъалаҳои зиёди ин соҳа ҳанӯз ба таври мукаммал мавриди таҳқиқи илмӣ қарор нагирифтаанд.

Мақсади асосии таҳқиқот муайян кардани топонимҳои минтақаи Панҷакент аз ҷиҳати хусусиятҳои луғавию маъноӣ, решашиносӣ ва сохторӣ мебошад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент дар забоншиносии тоҷик ба таври системавӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Боби якуми рисола «Таҳқиқи луғавию маъноии топонимҳои минтақаи Панҷакент» ном дошта, аз 14 фасл иборат аст. Дар ин боб масъалаҳои назариявии топонимика, омӯзиши бахшҳои ономастика, оронимҳои минтақа, гидронимҳо, антропонимҳои минтақа, зоотопонимҳои минтақа, фитонимҳои минтақа, некронимҳои минтақа, номвожаҳои ҷуғрофӣ-омофонҳо, номвожаҳои ҷуғрофии ифодакунандаи хусусияти орзуву омол, номвожаҳои ҷуғрофии ифодакунандаи хусусияти ғояҳои замони нав, номвожаҳои ҷуғрофии ифодакунандаи рангу аломат ва хусусияти предмет, этнотопонимҳои минтақа мавриди таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи илмӣ қарор гирифтааст. Муаллиф бо далелҳи муътамади илмӣ ва овардани мисолҳои фаровон аз мавзуи таҳқиқшаванда ва ҳамзамон мавриди омӯзишу таҳлили илмӣ қарор додани онҳо ба ҳадафҳои дар пеши худ гузошташуда расидааст. Дар баробари ин доир ба ҳар як зербоби боби мазкур маълумоти оморӣ пешниҳод кардааст, ки арзиши илмии диссертатсияро афзудааст.

Боби дуюми диссертатсия «Дараҷаи омӯзиши микротопонимҳои минтақаи Панҷакент» унвон дошта, фарогири ду фасл аст. Дар ин қисмати диссертатсия шарҳу хулосаҳои таҳқиқоти топонимаикаи

минтақаи баррасишаванда, ки аз ҷониби олимони ҷойномшиноси хориҷию ватанӣ анҷом дода шудааст, мавриди таҳлил қарор гирифта, ҳамчунин, пурра ва илман таҳқиқ нагардидани номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент зикр карда мешавад. Дар ин боб муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои илмии заминавӣ ва таҳлили нуқтаи назари олимони топонимшиноси ватаниву хориҷӣ андешаҳои илмии худро доир ба моҳияти мавзуи таҳқиқшаванда баён намудааст.

Дар ин қисмати кор низ диссертант ба мақсади дар пеши худ гузошта расида, натиҷаҳои баланди илмиро ба даст овардааст.

Боби сеюм «Таҳлили сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» унвон дошта, аз чор фасл иборат мебошад. Дар ин боб диссертант доир ба омӯзиши масъалаҳои сохтори топонимҳо дар ҳудуди Тоҷикистон ва, махсусан, минтақаи баррасишаванда маълумоти муфиди илмӣ дода, дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ ва таҳқиқоти олимони ватанию хориҷии номшинос онро таҳлилу баррасӣ намудааст. Дар баробари ин, дар ин қисмати диссертатсия топонимҳои эроншинос аз рӯйи сохтор таҳлилу баррасӣ гардида, аз он номвожаҳое интихоб гардидаанд, ки хосси минтақаи баррасишаванда мебошанд. Гузашта аз ин диссертант топонимҳоро аз рӯйи таърихи баромад таҳлилу баррасӣ намуда, топонимҳои иқтибосӣ ва омехтаро дар минтақаи баррасишаванда ба чунин шакл дастабандӣ намудааст: арабизмҳо, русизмҳо, таркизмҳо, тоҷикӣ-туркӣ, туркӣ.

Ба андешаи мо, ин қисмати кор ҳам хуб таҳлилу баррасӣ шуда, масъалаҳои дар фаслу зерфаслҳо ба миён гузошташуда ҳаллу фасл шудаанд.

Хулосаи кори илмӣ ҷамъбасти тамоми бобҳои рисола маҳсуб ёфта, диссертант дар 23 банд фикрҳояшро ҷамъбаст намудааст.

Ба ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки муаллифи автореферати диссертатсия дар иншо намудани кор ба тамоми мақсаду ҳадафҳои дар пеш гузоштааш бо сарбаландӣ расидааст.

Дар автореферати диссертатсия дар баробари муваффақиятҳои зиёде баъзе камбудиҳо низ ба назар расиданд:

1. Дар автореферат дар боби якум ба ҷойи “Фасли чордаҳуми боби якум” “Фасли чордаҳуми боби дуюм” зикр шудааст [с. 12].
2. Вазифаҳои дастурии аломати тире (–) ва аломати нимтире (-) гуногун аст. Аммо дар реферат мавридҳое ба назар мерасад, ки ин тафовут дида намешавад [с. 14, 15, 17, 19].
3. Дар автореферат хатоҳои имлоӣ, техникӣ ва услубӣ ба назар расид [с. 3, 4, 6, 8, 10, 11, 14, 15].

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои ҷойдошта қимату арзиши фишурдаи диссертатсияро намекоҳанд ва ислоҳшавандаанд.

Фишурдаи диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода дар мавзуи «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» кори илмии бaанҷомрасида буда, унвонҷӯ ҳадафҳои дар наздаш гузоштаро пурра анҷом додааст.

Хулоса, фишурдаи диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисои 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Номзади илми филология, муаллими
калони кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Амлоев А. Я.

Имзои Амлоев Аминҷонро тасдиқ мекунам:
сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А. А.

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30.
Тел.: (+992 37) 221 35 50
E-mail: rtsu-1996@mail.ru
« 18 » октябри 2023с.